**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашриёҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр ба таҳлилу таҳқиқи нақши матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи интихоби мавзуъ муҳим аст. Зеро дар шароити муосир мавзеъҳои сайёҳӣ, табиӣ, зиёратӣ, бостоншиносӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумлаи сарватҳои фарҳангӣ ва таърихии миллат ва ҷалби сайёҳон маҳсуб меёбанд. Ин масъала ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар қарор гирифта, барои рушди сайёҳӣ, эҳё ва муаррифии касбу ҳунарҳои қадима, ташкили ҷойҳои тамошо ва саёҳат замина фароҳам оварда мешавад. Бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2019–2021 боис гардид, ки ин соҳаҳо бештар рушд намоянд. Дар татбиқи барномаву стратегияҳои давлатии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нақши ВАО, хосса матбуоти даврӣ бориз аст.

Аз ин рӯ, аҳаммияти кори диссертатсиониро дар ду паҳлу: ҷанбаи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мавзуъ ва заҳмати босамари таҳқиқгар метавон арзёбӣ намуд. Диссертант сабабу омилҳои ҳуқуқӣ ва рушди сайёҳӣ, нақши матбуоти даврии маҳаллӣ, хосса нашрияи даврии вилоятии «Хатлон» ва «Сафо»-ро дар инъикоси сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии Хатлон, муаррифии ҷойҳои таърихӣ, фарҳангӣ, зиёратӣ, касбу ҳунарҳои мардумии ин минтақа ва амсоли инро баррасӣ карда,

вижагиҳои мундариҷавӣ ва жанрии маводи марбут ба мавзуи таҳқиқро муайян намудааст. Ба ин мазмун пажуҳиши мазкур дар муайян намудани нақши рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» дар бозтоби воқеиятҳоисоҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар доираи қонунмандиҳои муҳтавоию жанрӣ арзишнок ва судманд буда метавонад.

Ин кори диссертатсионӣ дар илми журналистикаи тоҷик таълифоти нисбатан ҷудогона ва мустақил буда, натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалиро доир ба аҳаммияти сайёҳӣ, роҳҳои рушди он, нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, роҳу усулҳои инъикоси воқеаҳои марбут ба сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ, шеваи истифодаи жанрҳои публитсистӣ ва маҳорати муаллифон меафзояд. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи рисолаҳои илмӣ, ташкилу баргузории семинару модулҳои тахассусӣ дар самти «Журналистикаи сайёҳӣ», «Журналистика ва фарҳанги миллӣ» ва таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ истифода кард.

Диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он дорои мазмун ва мантиқи том аст. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ далолат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқии диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар конференсияҳои илмиву назариявии ҷумҳуриявӣ, 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, ба мазмун ва мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ

фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия аст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Дар хулосаи диссератасия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъулаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияи таҳқиқ, навгониҳои илмии диссерататсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияти экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Расулзода Комрон Бахтиёр кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журнаистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва

санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

**Абдуллоева Машҳура Неъматова** – номзади илмҳои филологӣ, котиби илмии Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** пешниҳод мегардад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Муродӣ М.Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Муқимов М.А.

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ — Қутбиддинов А.Ҳ.

«16» декабри соли 2024.